Ба Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА - 014 назди
Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи
Ш.Шохтемур (734003, ш.Душанбе, хиёбони
Рӯдакӣ, 146.,www.tajagroun.tj,
E-mail: mtti2009@mail.ru)

# ТАҚРИЗ

**ба автореферати Насридинов Шамолиддин Сайфиддинович дар мавзӯи "Такмил ва таъмини рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯйи ихтисоси 08.00.05- (Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва кишоварзӣ)**

Бояд ёдовар шуд, ки рушди иқтисодиёти Тоҷикистон бо инкишофи соҳибкории истеҳсолии кишоварзӣ алоқаманд буда, он ба густариши фаъолияти истеҳсолии субъектҳои хоҷагидорӣ ва рақобатпазирии иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин дар ин замина таъмин намудани ҳаёти шоистаи аҳолии мамлакат равона гардидааст. Дар воқеъ, рушди соҳибкории истеҳсолӣ заминаи боэътимоди таъмини бозорҳои истеъмолии ҷумҳурӣ бо молҳои ватанӣ, густариши иқтидори содиротии мамлакат мебошад.

Дар баробари ин чунони, ки таҳқиқотҳо нишон медиҳанд ба омӯзиши имкониятҳои содиротии соҳибкорон, коркарди ашёи хоми ватанӣ ва таъсири инфрасохтор ба рушди комплекси агросаноатӣ дар ҷумҳурӣ аҳамияти кам дода шудааст.

Ҳамаи масъалаҳои дар боло зикр гардида, муҳимияти мавзӯи интихобшудаи кори диссертатсиониро муайян мекунанд, инчунин арзиши илмӣ ва аҳамияти амалии онро тасдиқ менамоянд.

Муҳаққиқ илман асоснок намудааст, ки таъсиси хоҷагиҳои инфиродии ҳаҷман хурд аз ҷиҳати иқтисодӣ самаранок нестанд ва онҳо наметавонанд дар рақобати бозор тобовар бошанд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ бартарии хоҷагиҳои калони молиро тасдиқ менамояд.

Муаллиф, чунин меҳисобад, ки яке аз роҳҳои дастгирии молиявии соҳибкории истеҳсолии кишоварзӣ дар ҳолати таъсири офатҳои табиӣ ин ҷорӣ намудани суғуртаи ҳатмӣ мебошад ва онро ворид намудан зарур аст, зеро таъсиси хоҷагиҳои деҳқонии (фермерӣ) инфиродӣ, ки зиёда аз 78,0% то 5 га замини таъиноти кишоварзӣ доранд ва эҳтимоли пурра аз даст додани ҳосил мавҷуд аст, суғурта намудани ҳосил ба деҳқон имконияти таъмини раванди такрористеҳсолкунӣ ва аз барҳамхӯрӣ раҳо

ёфтанро фароҳам меорад, ки боиси дастгирист.

Дар баробари дастовардҳои илмӣ, кори диссертатсионии мазкур ба назари мо дорои камбудиҳо низ ҳаст:

1. Муаллиф дар мисоли хоҷагии Л.Муродови ш.Ҳисор тавонистааст самаранокии истеҳсолии маҳсулотҳои соҳаи растанипарварӣ ва чорводориро нишон диҳад, вале шарҳ надодааст, ки бо кадом сабаб истеҳсоли картошка, пахта, гӯшт ва пилла (ҷадв.2) зараровар аст .

2. Дар ҷадв. 6 дурнамои истеҳсоли маҳсулоти асосии кишоварзӣ дар давраи то соли 2030 ҳисоб карда шудааст, вале муаллиф аз кадом методология истифода намудааст ва роҳи муайян намудани онро нишон надодааст.

Вале, ин эродҳо ба натиҷаҳои ба дастовардаи муаллиф таъсириманфӣ расонида наметавонад, ва сифати кори илми коҳиш намеёбад.

Бо назардошти дастовардҳои илмии муҳаққиқ, диссертатсияи Насридинов Шамолиддин Сайфиддинович дар мавзӯи "Такмил ва таъмини рушди устувори соҳибкории истеҳсолӣ дар соҳаи кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон" ба талаботҳои КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тодикистон аз рӯи ихтисоси 08.00.05 - Иқтисодиёт ва идоракунии хоҷагии халқ: иқтисодиёт, ташкил ва идоракунии корхонаҳо, соҳаҳо, комплексҳо (комплекси агросаноатӣ ва хоҷагии қишлоқ) ҷавобгӯ буда, муаллиф барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ сазовор мебошад.

Номзади илмҳои иқтисодӣ,
мудири кафедраи менеҷменти
Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон **Собирова Ш.Р.**

Суроға: 735730, Ҷумҳурии Тоҷикистон, ш.Бӯстон, кӯчаи Баротов А 6.
Тел: +992 (3451) 5-0175; сомонаи расмӣ: www.gmit.tj

Имзои Ш.Р. Собироваро тасдиқ мекунам:
Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишкадаи кӯҳию металлургии Тоҷикистон **Сулейманова Н.А.**
"____" ______________ 2021с.